# Он шайтоне аст, ки номаш Хинзаб аст, пас ҳар вақт эҳсосаш кардӣ, аз ӯ ба Аллоҳ паноҳ бибар (Аъузу биллоҳ бигӯ) ва се бор ба тарафи чапат туф бикун

Аз Усмон ибни Абулъос (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва гуфт: Эй Расули Аллоҳ! Шайтон миёни ман ва намози ман ворид шудааст ва дар хонданам барои ман мушкилӣ эҷод мекунад. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд:" Он шайтоне аст, ки номаш Хинзаб аст, пас ҳар вақт эҳсосаш кардӣ, аз ӯ ба Аллоҳ паноҳ бибар (Аъузу биллоҳ бигӯ) ва се бор ба тарафи чапат туф бикун". Усмон мегӯяд: Ман ин корро кардам ва Аллоҳ онро аз ман бартараф сохт. (Манзур аз туф кардан, пуф кардан бо андаке аз оби даҳон аст).

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Усмон ибни Абулос (разияллоҳу анҳу) назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) омад ва гуфт: Эй Расули Аллоҳ! Миёни ман ва намозам шайтон даромад ва маро аз хушуъ дар намозам боз дошта аст ва сабаб шудааст, ки дар хонданам иштибоҳ кунам ва дучори шак шавам. Пас Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ фармуд: Он шайтоне аст, ки Хинзаб ном дорад, ҳаргоҳ чунин ёфтӣ ва ӯро эҳсос кардӣ, ба Аллоҳ паноҳ бибар ва се бор ба тарафи чапат бо андаке аз оби даҳон туф кун. Усмон мегӯяд: Ман ин корро кардам ва Аллоҳ онро аз ман бартараф сохт. (Манзур аз туф кардан, пуф кардан бо андаке аз оби даҳон аст).



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee